

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№34-35 (4930-4931)

СЕШАНБЕ,
18 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОССИЯ

**16-уми марти соли 2025 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия бо ворид шуданашон ба шаҳри Москва оғоз ёфт.**

Маросими истиқболи расмии меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурудгоҳи Внуково-2-и шаҳри Москва баргузор гардид.

Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Марат Хуснуллин ва дигар намояндагони воломақом гарму самимӣ пазироӣ карданд.

Барои истиқболи шоиста майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар оро ёфта, ротаи қаровули фахрии гарнизони ҳарбии Москва ва оркестри низомии асбобҳои нафасӣ саф ороста буд.

Баъди гузориши фармондеҳи ротаи қаровули фахрӣ ба меҳмони олиқадр сурудҳои миллии ҳар ду давлат навохта шуд. Маросими истиқболи расмӣ бо гузаштани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз назди ротаи қаровули фахрӣ, арзи эҳтиром ба Парчами давлатии Федератсияи Россия ва гузашти тантанавии қаровули фахрӣ аз назди меҳмони олимақом ба поён расид.

**17-уми марти соли 2025 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия бо гузоштани гулчанбар бар пояи оромгоҳи сарбози номаълум оғоз гардид.**

Дар маросими гулчанбаргузорӣ дар боғи Александр қаровули фахрӣ ва оркестр саф ороста буд.

Коменданти ҳарбии Москва оид ба саф кашидан ва омодагии горди фахрӣ барои баргузории маросими гиромидошти хотираи қурбониён ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш дод.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти мусиқии маросимӣ дар назди гулхани абадӣ гулчанбар гузошта, бо дақиқаи хомӯшӣ хотираи қаҳрамонони Федератсияи Россияро пос доштанд. Сипас, баъд аз садоҳои бонг ва дақиқаи хомӯшӣ Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардид.

Баъд аз анҷоми маросими гулчанбаргузорӣ бо қадамзании мутантан аз назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иштирокдорони маросим қаровули фахрӣ гузашти низомӣ анҷом дод. Дар ин маросим Сарвари давлати Тоҷикистонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Федератсияи Россия ҳамроҳӣ намуданд.

**17-уми марти соли равон баррасии масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин оғоз гардида, дар вохӯрии васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳар ду кишвар идома ёфт.**

Масъалаҳои калидии муносибатҳои ҳар ду кишвар ва мавзуъҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ ба таври муфассал муҳокима гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рушди хуби муколамаи сиёсӣ дар ҳамаи сатҳҳо изҳори қаноатмандӣ намуданд. Рушди босуръати ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар солҳои охир таъкид гардид.

Аз ҷумла, масоили густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои саноат, энергетика ва кишоварзӣ баррасӣ шуд. Ба масъалаҳои рушди робитаҳои гуманитарӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Гуфта шуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон 71 муассисаи таълимӣ бо забони русӣ, аз ҷумла онҳое, ки соли 2022 аз ҷониби сарони давлатҳо ифтитоҳ ёфта буданд, ҳамчунин, 190 мактаби омехта фаъолият доранд. Дар ин замн, ҳамкорӣ дар таъмини ин муассисаҳои таълимӣ бо китобу маводи таълимӣ ва адабиёт бо забони русӣ аз масъалаҳои матраҳ боқӣ мемонад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИЗҲОРОТИ МАТБУОТИИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоту музокирот бо Президенти Федератсияи Россия дар доираи сафари расмӣ ба Федератсияи Россия

**17-уми марти соли 2025, Россия**

**Ташаккур, муҳтарам Владимир Владимирович!**

**Муҳтарам намояндагони воситаҳои ахбори омма!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Владимирович Путин барои даъват ҷиҳати анҷом додани сафари расмӣ ба Федератсияи Россия миннатдории самимӣ изҳор намоям.

Тавре аллакай муҳтарам Владимир Владимирович таъкид карданд, зимни музокирот мо масъалаҳои калидии муносибатҳои ҳар ду давлат, инчунин, мушкилоти муҳими минтақавию байналмилалиро муфассал баррасӣ намудем.

Мо аз ҷараёни хуби муколамаи сиёсӣ дар ҳамаи сатҳҳо ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар солҳои охир, ки афзоиши тадриҷии гардиши мол мушоҳида мегардад, изҳори қаноатмандӣ менамоем. Соли гузашта ҳаҷми гардиши молу маҳсулот 15,6 фоиз афзуда, 2 миллиард долларро ташкил дод.

Мо барои таҳияи «Нақшаи чорабиниҳои байниҳукуматӣ то соли 2030» ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми савдои мутақобила ба мувофиқа расидем. Ҷониби мо аз фаъолияти ширкатҳо бо сармояи Россияро дар Тоҷикистон, ки имрӯз ҳудуди 400 ададро ташкил медиҳанд, истиқбол менамояд.

Мо ба мувофиқа расидем, ки кори муштаракро дар соҳаи кооператсияи саноатӣ фаъол гардонем.

Ҷараёни мусбати ҳамкорӣ дар соҳаи нассоҷӣ таъкид карда шуд.

Мо комплекси агросаноатиро ҳамчун самти дурнамодори ҳамкорӣ таъкид намудем. Дар ин ҷода мо ба ҷониби Россия пешниҳод намудем, ки иқдомотро дар самти таъсис додани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон, бахусус корхонаҳои коркарди сабзавоту меваҷот, ашёи хоми пахта, пӯст ва пашмро фаъол гардонад.

Омодагии ҷониби Тоҷикистон барои густариши содироти маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ба бозорҳои Россия таъкид карда шуд.

Имрӯз мо ба мувофиқа расидем, ки дар якҷоягӣ бо ширкати «Росатом» марҳилаи дуюми лоиҳаи безараргардонии партовгоҳҳои уранро дар шимоли Тоҷикистон татбиқ намоем.

Мо гузаронидани экспедитсияҳоро аз ҷониби мутахассисони ҳар ду давлат барои омӯзиши вазъи пиряххои Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мешуморем. Имрӯз дар натиҷаи таъсири тағйирёбии иқлим тамоюли нигаронкунандаи обшавии босуръати пиряххои Тоҷикистон, ки манбаи ташаккулёбии то 60 фоиз захираҳои обии Осиёи Марказӣ мебошанд, мушоҳида мешавад.

Зимни музокирот мо ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намудем.

Дар музокирот мо бо муҳтарам Владимир Владимирович ба сатҳи имрӯзаи ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ баҳои баланд додем.

Тавассути видеоконфронс ба сохтмони Театри давлатии драмавии русии ба номи Маяковский ва Маркази байналмилалии омӯзишӣ барои кӯдакони болаёқат дар пойтахти Тоҷикистон оғоз бахшида шуд.

Мо ба мувофиқа расидем, ки моҳи июни соли ҷорӣ Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия баргузор карда шавад.



Имрӯз мо ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатиро муфассал баррасӣ намудем. Кори байниидоравӣ дар ин соҳа фаъол гардонида мешавад.

Кӯшишҳо барои таъмини муҳтавои пурмазмуни ҳамкории байниминтақавӣ равона карда мешаванд. Дар айни ҳол 80 минтақаи Россия бо Тоҷикистон робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ доранд.

Зимни музокирот ба ҳамкории байнипарлумонӣ низ баҳои баланд дода шуд.

Имрӯз мо ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амниятро муфассал баррасӣ намудем. Байни хадамотҳои махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои мо ҳамкории зич ва пурсамар ба роҳ монда шудааст ва ин ҳамкорӣ солҳои охир натиҷаҳои мушаххас медиҳад. Ҳамёрии ҷонибҳо дар ин самт доираи васеи масъалаҳои муқовимат бо хатару таҳдидҳои амниятиро фаро мегирад. Ин, бахусус, терроризм, ифротгароӣ, зуҳуроти тундгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои киберӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мебошад.

Мо ба ҳамкорӣ дар заминаҳои бисёрҷанба, пеш аз ҳама, дар СММ, ИДМ, СҲШ ва СААД баҳои баланд додем.

Мо аз ҷониби Россия барои дастгирии пайваста аз ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба об ва иқлим миннатдор ҳастем.

Мехоҳам таъкид намоям, ки мо аз натиҷаҳои музокирот қаноатманд мебошем.

Тоҷикистон минбаъд низ барои татбиқи пурраи зарфиятҳои бузурги муносибатҳои ҳампаймонӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистону Россия кӯшиш хоҳад кард.

Дар хотима мехоҳам бори дигар ба муҳтарам Владимир Владимирович Путин ва ба ҳамаи дӯстони рус барои меҳмоннавозии самимӣ миннатдорӣ изҳор намоям.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**



# ДАВРАИ ПУРСАМАР ДАР КОРНОМАИ КАСБИИ ВАКИЛОН

## ё натиҷагирӣ аз фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум (солҳои 2020 - 2025)

**Парламенти касбии тоҷик ба шарофати сатҳи илмии худ, заҳмату талош ва муносибати самимонаи вакилон дар эҷоди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавонист, ки аз рӯзҳои нахустини ба фаъолият шурӯъ намуданаш худро ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор нишон диҳад. Парламенти мамлакат бо ҷуръат ва ҷасорати арзанда ба ҳалли мушкилоти ҷомеа мусоидат кард ва қадам ба қадам, лаҳза ба лаҳза, ҳатто метавон гуфт, ки зарра-зарра салоҳиятҳои конститутсионии худро чун институти сиёсӣ мустаҳкам намуд.**

Парламенти Тоҷикистон тӯли шаш даъват, ҳамчун ниҳоди қонунгузори кишвар, на танҳо низоми ягонаи ҳуқуқиро дар дохили кишвар ташаккул дод, балки дар самти ворид шудан ба фазои ягонаи ҳуқуқии байналмилалӣ низ қадамҳои устувор гузошт.

Дар ҳамин гуна шароит ба шарофати тадбирҳои фаврию амалии андешидаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон вакилони мо тавонистанд дар тӯли шаш иҷлосия ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Дар ин давра тибқи талаботи моддаи 57-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 маротиба ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, вобаста ба масъалаҳои мубрами рӯз қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ҷумла, дар ҷаласаҳои якҷоя маросими савгандёдкунии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар аз нав интихоб шуданашон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъину озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, ироаи ҳамасолаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», инчунин, додани ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон сурат гирифтанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ШАРТНОМАИ ТАЪРИХӢ ТАСДИҚ ШУД

**Ҳаждаҳуми марти соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 54 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Шарифзода, муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шомдин Шарипов, директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафарбек Давлатзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 5 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»**

**2. Дар хусуси Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон**

**3. Дар хусуси Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард**

**4. Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ**

**5. Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд.**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РОССИЯ





**(Идома аз саҳ. 1)**

Зикр шуд, ки дар Тоҷикистон се филиали муассисаҳои бонуфузи олии таълимии Россия фаъолият дошта, зиёда аз 28 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон дар донишгоҳу донишкадаҳои Россия таълим мегиранд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки моҳи июни ҳамин сол дар Федератсияи Россия Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон баргузор карда мешаванд.

Таъкид гардид, ки ҳар ду кишвар барои мукаммалсозии ҳамкориҳои байниминтақавӣ, аз ҷумла баргузории як қатор чорабиниҳои гуногунсатҳ дар ин самт, талош хоҳанд кард. Ба ҳамкории байнипарлумонии ҳар ду кишвар баҳои баланд дода шуда, ҷонибҳо барои идомаи босамари он дар оянда изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва тақвияти ҳамоҳангӣ дар фаъолияти муштараки хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои амниятӣ аз масъалаҳои муҳими музокирот буд. Ҳамкории судманд дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ дар маркази таваҷҷуҳи сарони ҳар ду давлат қарор дошт.

**17-уми марти соли ҷорӣ дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсия Россия дар толори Қасри Кремл маросими маҷозии оғози сохтмони ду иншооти муҳими иҷтимоӣ ва гуманитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маросими оғози бунёди Театри давлатии драмавии русии ба номи Владимир Маяковский ва Маркази байналмилалии таълимӣ барои омӯзиши кӯдакони болаёқат дар шаҳри Душанбе аз маҳали





сохтмони иншоот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ оид ба омодагӣ ва баргузории маросим гузориш доданд.

Бо розигии сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин барои бунёди Театри давлатии драмавии русии ба номи Владимир Маяковский ва Маркази байналмилалии таълимӣ барои омӯзиши кӯдакони болаёқат дар шаҳри Душанбе санги асос аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва дигар шахсони масъули ҳар ду ҷониб гузошта шуд.

Сарони ҳар ду давлат ва дигар ҳозирин маросими гузоштани санги асоси ин ду иншооти муҳими соҳаҳои фарҳанг ва маорифро дар мониторҳои калон дар Қасри Кремл мушоҳида намуданд.

Қобили зикр аст, ки оғози сохтмони ин ду иншоот боз як нишонаи тавсеаи бомароми робитаҳои гуманитариву фарҳангии Тоҷикистону Россия мебошад.

**17-уми марти соли 2025 пас аз анҷоми музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расид:**

- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар барқарорсозии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи истихроҷи уран ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ зарар дидаанд;

- Созишнома миёни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва савдои Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи таъсиси Парки саноатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Барномаи шарикии стратегӣ миёни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия дар соҳаи ҳарбӣ барои солҳои 2026-2030 ва нақшаи амали он барои солҳои 2026-2028;

- Ёддошти тафоҳум миёни Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки марказии Федератсияи Россия, Вазорати молияи Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди рақамӣ, алоқа ва коммуникатсияи оммавии Федератсияи Россия вобаста ба ҳамкорӣ дар соҳаи рақамикунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;

- Созишнома миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилояти Кирови Федератсияи Россия оид ба татбиқи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва гуманитарӣ.

Баъди имзои санадҳои нави ҳамкорӣ сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Владимир Путин барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, оид ба натиҷаи музокироти сатҳи олӣ бо изҳорот суханронӣ намуданд.

**17-уми марти соли равон сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия анҷом ёфт.**

Маросими гусели меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурудгоҳи Внуково-2-и шаҳри Москва баргузор гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Ҳукумати Федератсияи Россия гарму самимӣ гусел карданд.

Майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар оро ёфта, ротаи қаровули фахрии гарнизони ҳарбии Москва ва оркестри низомии асбобҳои нафасӣ саф оростанд.

Баъди гузориши фармондеҳи ротаи қаровули фахрӣ ба меҳмони олиқадр дар ҳамон ҷо сурудҳои миллии ҳар ду давлат навохта шуд.

Маросими гусел бо гузаштани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз назди ротаи қаровули фахрӣ ва эҳтиром ба Парчами давлатии Россия ба поён расид.

**www.prezident.tj**

**(Идома аз саҳ. 1)**

# ШАРТНОМАИ ТАЪРИХӢ ТАСДИҚ ШУД

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» пешниҳод гардидааст.



Лоиҳаи санади мазкур бо мақсади иҷрои супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шудааст. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонун дастгирии идомаи корҳои созанда дар шаҳри Душанбе, аз ҷумла татбиқи нақшаи генералии шаҳр ва сохтмони дигар иншоотҳои инфрасохтории бузург, мебошад. Дар ин раванд, тибқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба як қатор моддаҳои он тағйиру илваҳо ворид карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи лоиҳа ба моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», ки масъалаҳои таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро танзим менамояд, банди иловагӣ оид ба нигоҳ доштани маблағи иҷрои барзиёдии даромад дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби андозҳои танзимшаванда ворид карда шудааст. Инчунин, ҷиҳати танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ ба моддаҳои 16 ва 20-и қонун вобаста ба ҳиссагузорӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ва суратҳисоби захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории иншооти муҳими давлатӣ иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, шаҳри Душанбе аз пардохтҳои зикршуда озод карда мешавад.

Тағйиру иловаҳои зикршуда ҷиҳати азнавсозӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори пойтахт, махсусан, таҷдиду азнавсозии роҳҳо дар пойтахти кишварамон мусоидат хоҳад кард.

Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади идомаи корҳои созанда дар шаҳри Душанбе, аз ҷумла татбиқи амали нақшаи генералии шаҳр ва сохтмони иншоотҳои дигари инфрасохторӣ, ҷиҳати нигоҳ доштани маблағи иҷрои барзиёдии даромад дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби андозҳои танзимшаванда таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳа ба моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», ки масъалаҳои таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро танзим менамояд, банди иловагӣ оид ба нигоҳ доштани маблағи иҷрои барзиёди даромад дар шаҳри Душанбе аз ҳисоби андозҳои танзимшаванда, инчунин, ба моддаи 16 ва 20 вобаста ба ҳиссагузорӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ва суратҳисоби захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории иншооти муҳими давлатӣ иловаҳои дахлдор ворид карда мешавад.



Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонун бо тартиби муқаррargардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Шарифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фаррух ШАРИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон пешниҳод карда мешавад.

Шартномаи зикршуда 13-уми марти соли 2025 дар шаҳри Бишкек дар рафти сафари давлатии Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расонида шуд.

Шартномаи мазкур, ки ба баррасии шумо ҷиҳати тасдиқ (ратификатсия) пешниҳод шудааст, ба масъалаҳои сарҳадӣ ва баҳсҳои вобаста ба он, ки даҳсолаҳо ҳалли худро наёфта буданд, хотима бахшида, ба таъмини сулҳу субот ва амният дар минтақаҳои марзӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Шартномаи мазкур аз 12 модда ва 3 замима иборат буда, мавзуъҳои гузариши хатти сарҳади давлатӣ, мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди сохташаванда, ки рафтуомади бемамониати шаҳрвандони Тоҷикистонро таъмин менамояд, мақоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла эътирофи ҳуқуқи моликият ба иншоотҳои обию энергетикӣ ва дастрасии бемамониат ба онҳо, ки дар қаламрави тарафҳо ҷойгиранд, бо шартномаи алоҳида муайян намудани нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ва механизми таъмини тадбирҳои эътимод дар сарҳади Тоҷикистону Қирғизистонро ба танзим медарорад.

Боиси қайд аст, ки ҷиҳати таъмини рафтуомади бемамониати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти деҳоти Ворух роҳи мустақим бо мақоми нейтралӣ мувофиқа карда шуда, вобаста ба сохтмон ва истифодабарии он Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард ва ободонии чорроҳаи автомобилгард ба имзо расид, ки имрӯз ба баррасии шумо манзур мегардад.

Дар доираи шартномаи мазкур масъалаҳои дастрасӣ ва истифодаи иншоотҳои обию энергетикии ҷонибҳо, ки дар ҳудуди якдигар боқӣ мемонанд, танзим шудааст, ки механизми дастрасӣ ва нигоҳдории онҳо бо Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ ба танзим даровarda шуда, ба баррасии шумо ҷиҳати ратификатсия пешниҳод шудааст.

Ҳамин тариқ, гузариши хатти сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон аз рӯи принсипи хатти рост ё ин ки аз рӯи иншоотҳои ҷуғрофӣ муайян карда шуд.

Тибқи моддаи 12-уми шартнома, он бояд тасдиқ карда шавад ва аз рӯзи мубодилаи тасдиқномаҳо эътибор пайдо мекунад. Аз ин рӯ, лутфан хоҳиш карда мешавад, то тасдиқ (ратификатсия)-и шартномаи мазкурро ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон 13 марти соли 2025 дар шаҳри Бишкек ба имзо расидааст ва бо мақсади иҷрои расмиёти дохилидавлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Шартномаи мазкур мутобиқи муқаррароти Паймони асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, аз 12 июли соли 1996, Аҳдномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикӣ, аз 26 майи соли 2004, бо мақсади дақиқ ва муайян кардани гузариши хатти сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ба имзо расидааст.



Мувофиқи шартнома хатти сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳудуди қитъаҳои замини дорои мақоми нейтралии зери роҳҳои автомобилгарди «Хоҷаи Аъло - Ворух» («Дача - Қапчигай»), «Ориёно - Шуристон» («Мин-Орук - Самаркандек») ва Чорроҳаи автомобилгарди «Исфара - Ворух» ва «Ош - Раззоқов» мутобиқи тавсифи гузариши хатти сарҳади давлатӣ мегузарад. Ҳамзамон бо ин, тибқи шартнома хатти муайянкунандаи ҳудуди қитъаи замини дорои мақоми нейтралидошта сарҳади давлатии байни тарафҳо ҳисоб намешавад. Тартиби истифодаи ҳудуди мазкур тибқи ҳамин Шартнома ва Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, азнавсозӣ ва истифодабарии Чорроҳаи автомобилгард, ки 13 марти соли 2025 ба имзо расидааст, муайян карда мешавад.

Бо мақсади ҳалли пурра ва маҷмуии масъалаҳои алоқаманд бо гузариши хатти сарҳади давлатӣ ҷонибҳо ба мувофиқа расидаанд, ки дастрасии бемамониат барои истифодаи иншоотҳои обрасонӣ ва энергетикии тарафайн, инчунин, истифодаи муштараки саргаҳи сарбанд бо се дарвоза ва иншооти обгирии саргаҳи канали Мастчоҳӣ/Ак-Таттирро таъмин менамоянд.

Механизми татбиқи он бо санади алоҳида - Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ, ки 13 марти соли 2025 ба имзо расидааст, ба танзим даровarda мешаванд.

Бояд қайд кард, ки нуқтаи пайванди сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин бо Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 5 июли соли 2000 муайян карда шудааст.

Нуқтаи пайванди сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо шартномаи байналмилалии алоҳида муайян карда мешавад.

Бо мақсади демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ҷонибҳо ба мувофиқа расидаанд, ки Комиссияи муштараки демаркатсионӣ таъсис диҳанд.

Ҷонибҳо ба ифоқа расидаанд, ки тадбирҳои эътимодро дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон таҳким менамоянд.

Шартномаи мазкур бемуҳлат мебошад ва бекор (денонсатсия) намешавад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният бо мақсади баррасии муносиби Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон тамоми расмиётро мувофиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дод. Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ва «Дар бораи Сарҳади давлатӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистонро ҷонибдорӣ намоед.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**



# ДАВРАИ ПУРСАМАР ДАР КОРНОМАИ КАСБИИ ВАКИЛОН

## ё натиҷагирӣ аз фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум (солҳои 2020 - 2025)



**Маҳмадтоир ЗОКИРЗОДА,**
**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Қобили тазаккур аст, ки масъалаи додани ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар таърихи фаъолияти мақоми олии қонунгузор таҷрибаи нахустин буд.

Хушбахтона, пас аз додани ризоият афсарону сарбозони шуҷои Ватан таҳти роҳнамоиҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати хизматию уҳдадориҳои ҳарбии худро мардонавор ва бомуваффақият иҷро намуда, сарбаландона ба Ватан баргаштанд.

Фаъолияти даъвати шашум мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастури Маҷлиси намояндагон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбута дар се бахш – намояндагӣ, қонунгузорӣ ва байнипарламентиву хориҷӣ амалӣ карда шуд.

Қонунгузорӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар давраи сипаришуда 171 ҷаласаи Шуро ва 128 ҷаласаи Маҷлиси намояндагон доир шуда, 723 қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 20 тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 4 кодекс, 113 тағйиру иловаҳо ба кодексҳо, 58 қонуни мукаммал, 271 тағйиру иловаҳо ба қонунҳо, 1 стратегия, ҳудуди 260 созишнома, барномаҳои давлатӣ, мактубҳои мубодилавӣ, конвенсия, протоколу ёддоштҳо, шартнома, аҳднома, оиннома, низомнома, дурнамоҳо ва 144 Қарори Маҷлиси намояндагон тасдиқ гардиданд.

Дар ҷараёни даъвати шашум бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 146 лоиҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 425 лоиҳа, аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон 152 лоиҳа дар ҳаммуаллифӣ бо аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳод ва қабул гардиданд.



Дар шумули санаду меъёрҳои қабулшуда қонунҳое ҳастанд, ки дар таърихи фаъолияти қонунгузории кишвар бори нахуст ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир таҳия гардидаанд.

Хусусияти таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал на танҳо хоси иҷлосияҳои алоҳида, балки ҳамчун яке аз самтҳои пурсамари фаъолияти даъвати шашум мебошад. Дар ҷараёни шаш иҷлосия 18 қонуни мукаммал қабул карда шуд, ки тамоми соҳаҳои ҷомеаи кишварро фаро гирифтаанд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо», «Дар бораи захираҳои генетикӣ», «Дар бораи мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда», «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ», «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт», «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва муҳофизати биологӣ», «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва ғайра аз ҳамин шуморанд.

Албатта, аксари қонунҳо ва санадҳои дар ҷараёни иҷлосияҳо қабулшуда барои имрӯзи кишварамон зарур ва муҳим ба шумор меравtotal, вале дар ин миён қонунҳое қабул карда шуданд, ки тақозои замон ва талаботи рӯз буда, барои пешбурди ҷомеаи кишвар хеле муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Яке аз ин санадҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мебошад, ки мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мақсади танзими ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин соҳа, субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тақсимоти вазифаҳо дар байни мақомоти ба амалбароварандаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайянсозандаи масъулияти онҳо таҳия ва пешниҳод гардид.

Қабули қонуни мазкур ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватанпарастӣ, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳувияти миллии шаҳрвандон мусоидат намуда, масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд мебардорад, инчунин, барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, ҷабҳаҳои фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷомеа, расонидани кумак ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди иқтисодӣ барои соҳибкории иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» пешниҳод ва қабул гардид.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки амалияи қонунҳои мазкур муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим даровarda, ба устувории сохтори қонунгузории кишвар замина фароҳам меоранд ва барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ такони ҷиддӣ мебахшанд.

Дар ин раванд баргузор намудани муҳокимаҳои парламентӣ яке аз василаҳое мебошад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ тавонистанд тавассути таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳми босазо гузоранд ва дар ин замина ҷараёни татбиқи қонунҳои соҳавиро таҳлилу баррасӣ намоянд. Дар ин давра дар Маҷлиси намояндагон 26 муҳокимаи парламентӣ, 4 соати парламентӣ, 7 семинар ва беш аз 20 мизи мудаввар доир шуд. Инчунин, бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми сентябри соли 2022 бо иштироки аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон Конференсияи ҷумҳуриявӣ доир карда шуд.

Фаъолияти намояндагӣ яке аз бахшҳои муҳими Маҷлиси намояндагон ба шумор рафта, василаи муҳими густариши робита бо ҷомеа, огоҳӣ пайдо намудан аз вазъи воқеии иҷтимоию сиёсии кишвар, инчунин, омили таҳкимбахшандаи фаъолияти ҳар як вакил маҳсуб меёбад. Бинобар ин, самти мазкур низ таҳти назорати роҳбарияти Маҷлиси намояндагон қарор дошта, барои дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ гузаштани онҳо дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҳои мушаххас андешида шуданд. Вакилон дар ин давра 7 маротиба ба сафари хидматӣ баромада, бо интихобкунандагон мулоқоту вохӯриҳо баргузор намуданд. Ҷамъбасти гузоришҳои вакилон аз натиҷаи мулоқотҳояшон бо интихобкунандагон бо қарорҳои Шурои Маҷлиси намояндагон барои чораҷӯӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд. Дар асоси таъкид ва супоришҳои роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дархостҳои муҳим ва асосии интихобкунандагон ба гузоришҳо ворид гардида, дархостҳое, ки моҳияти маҳаллӣ доштанд, барои чораҷӯӣ ба мақомоти марбутаи маҳаллӣ ирсол карда шуданд.

Фаъолияти намояндагии вакилон бо баргузории мулоқоту вохӯриҳои нақшавӣ дар маҳалҳо маҳдуд нашуда, қабули шаҳрвандон бевосита дар бинои Маҷлиси Олии мамлакат ба роҳ монда шуд ва баррасии мурроҷиатҳои хаттӣ ва шифоҳии онҳо низ таҳти назорати қатъии роҳбарияти Маҷлиси намояндагон қарор гирифт. Дар ин давра мурроҷиатҳои интихобкунандагон аз ҷониби вакилон ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дар доираи ваколат ва салоҳияташон ба ҳалли мусбати онҳо мусоидат карда шуд. Дар давоми даъват ба Маҷлиси намояндагон 2119 нома ва 14126 мурроҷиати шифоҳии шаҳрвандон ворид гашт, ки ҳамагӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва аз рӯйи онҳо қарорҳои дахлдор қабул шуданд. Мусаллам аст, ки дар пушти ин рақамҳо кори мушаххас, манфиатҳои шаҳрвандон ва давлат истодаанд, ки аз афзоиши эътимоди сокинони мамлакат ба мақоми олии қонунгузор шаҳодат медиҳад.

Самти дигари муҳими фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими дипломатияи парламентӣ мебошад. Президенти мо, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва рушди дипломатияи парламентӣ, инчунин, роҳандозии тамосу равобити дӯстона бо кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва муаррифии давлату миллат дар ақсои олам нақши созанда ва беназир доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар даврони истиқлол натанҳо равобити судмандро бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ шинохта шавад.

Дар ин замина, дипломатияи парламентӣ яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамгирой барои ҳар як давлати демократӣ, воситаи муассир барои барқарор кардани муносибатҳои корӣ ва эътимоднок бо парламентҳои кишварҳои хориҷӣ мебошад.



Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои конститутсионии худ фаъолияти қонунгузориро ҷиҳати таъмини самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии он, инчунин, кор дар сохторҳои байнипарламентӣ муносибатҳоро бо парламентҳои дигар давлатҳо дар даъвати шашум тақвият бахшид.

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф шудааст ва мо низ дар заминаи ҳамин мафҳум бо ҳамаи давлату созмонҳо ҳамкории судмандро ба хотири рушди дипломатияи парламентӣ ба роҳ мондаем. Бо истифода аз асли сиёсати «дарҳои кушода» вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ даъвати шашум робитаҳои байнипарламентиро бо кишварҳои дуру наздик густариш дода, аз имконият ва мавридҳои муносибе, ки имрӯз ва дар оянда пеш хоҳанд омад, ба манфиатҳои миллӣ истифода намуданд.

Дар давраи иҷлосия вакилони Маҷлиси намояндагон дар раванди тасдиқи созишнома, шартнома ва конвенсияҳои байнидавлатӣ ё байниҳукуматӣ ва мутобиқсозии онҳо ба манфиатҳои миллӣ иштироки фаъол доштанд.

Дар баробари ин, мо ба хотири пешбурди муносибатҳои дипломатии байнипарламентии боэътимод бо кишварҳои шарик, татбиқшавии ташаббусҳо дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, устувор гардонидани давлатдории дунявӣ дар асоси принсипҳои демократӣ ва амалишавии сиёсати пешгирифтаи «дарҳои кушода»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, намояндагони гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентӣ, сафирон ва ходимони намоёни сиёсии мамлакатҳои хориҷӣ дар давраи даъвати шашум мулоқотҳои судманд анҷом додем. Дар рафти ин мулоқоту вохӯриҳо асосан доир ба рушду тавсеаи равобити дуҷонибаю бисёрҷониба, ба роҳ мондани ҳамкории байнипарламентӣ ва аз таҷрибаи ҳамдигар истифода намудан дар соҳаи қонунгузорӣ барои рушду нумуи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа суҳбату мулоқотҳо сурат гирифтанд.

Дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба мо гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олиро бо 55 кишвар ба роҳ мондем.

Боиси зикр аст, ки бо мақсади татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақши фаъол доштан дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи парламентҳои ҷаҳонӣ, алалхусус минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором, дар ҳошияи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», рӯзҳои 10–11 июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «Захираҳои об ва устувории демографӣ ба манфиати ҷавонон» баргузор гардид. Дар кори он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони воломақоми давлатҳои аъзои Форуми парламентҳои Осиё оид ба нуфуси аҳолӣ ва рушд (AFPPD), Ассотсиатсияи аҳолӣ ва рушди Осиё (APDA) ва Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид (UNFPA), намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, корпусҳои дипломатии муқими Душанбе, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷавонони ташаббускор, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд. Зимни баргузории форум масоили тавонмандсозии занон, ҷавонон, баробарии гендерӣ, устувории демографӣ, камбизоатӣ, норасоии об ва тағйирёбии иқлим, инчунин, роҳҳои ҳалли татбиқи иқтидори пурраи занон тавассути сиёсати оилавӣ, таҳкими шарикӣ ва суръат бахшидан ба амалҳо барои ноил шудан ба «Рӯзномаи 2030» ва табодули таҷриба барои баланд бардоштани огоҳӣ ва саҳмгузорӣ оид ба рушди устувор матраҳ гардиданд.

Ҳамаи ин тадбиру ибтикорҳо ба он мусоидат кард, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам намуда, доираи муносибату ҳамкориҳои худро сол ба сол тавсеа мебахшад. Ба шарофати роҳандозии чунин сиёсат Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвари сулҳдӯсту инсонпарвар, пайрави арзишҳои демократӣ, тарафдори ҳамгирой ва ҳамкориҳои бисёрҷониба шинохта шудааст. Маҳз, ба ҳамин хотир, бо даъвати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ рӯзҳои 10-11 октябри соли 2024 дар бинои муҳташаму навбунёди Маҷлиси Олӣ Конфронси байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо иштироки роҳбарони парламентҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Арманистон, Беларус, Озарбойҷон, Эрон, Федератсияи Россия, Туркманистон баргузор гардид.

Тибқи муқаррароти моддаи 53-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми корӣ ва ҳамоҳангсози Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастгоҳи он мебошад ва пешрафти кори вакилон низ аз сатҳу сифати корбарӣ ва фаъолияти кормандони он вобастагӣ дорад.

Дар ин давра бо дастгирӣ ва ғамхориҳои бевоситаи Сарвари давлат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ, ваколатҳо, ҳаҷм ва доираи фарогирии вазифаҳо сохтори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016 «Дар бораи тасдиқи Феҳристи мансабҳои давлатӣ» мутобиқ гардонида шуд.

Ҳамчунин, бо мақсади мушаххас намудани вазифа ва ҳуқуқу уҳдадориҳо ба Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти куллӣ ворид карда шуда, мақоми аксарияти шуъбаҳои амалкунанда ба сатҳи раёсат баланд бардошта шуд, ки бешак, ба фаъолияти самараноку муназзами Дастгоҳ мусоидат намуд.

Дар ҷараёни даъвати шашум Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар бахшҳои ташкили кор, назорат, ташхиси ҳуқуқӣ, тарҷума ва таҳрир, иттилоотӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ ва дигар бахшҳои омодасозии шароити корӣ барои вакилони Маҷлиси намояндагон фаъолияти муайянро ба таври муносиб ба анҷом расонид.

Инчунин, дар ин давра Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки дар он салоҳияти Маҷлиси намояндагон ба пуррагӣ ҷой дода шуд. Дар таҳрири нав Дастури Маҷлиси намояндагон ҳамчун як санади кории фарогир ва баёнгари тамоми самтҳои фаъолияти Маҷлиси намояндагон мавриди амал қарор гирифт.

Даъвати шашум, бешубҳа, давраи пурсамар дар корномаи касбии ҳамаи вакилон маҳсуб меёбад. Мо - вакилони Маҷлиси намояндагон ҳама вақт эътимоду дастгириҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро эҳсос мекардему ҳама вақт гиромӣ медорем. Барои эътимод ва дастгириҳои бузург ба Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сидқан миннатдорӣ баён мекунам.

Ба ҳамаи вакилони арҷманд, инчунин, ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода низ барои заҳмати пурсамару фидокорона ҷиҳати рушди низоми ҳуқуқии кишвар ва таҳкими қонуният дар давраи даъвати шашум изҳори сипос менамоям. Ҳамаи шумо бори гарони масъулияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бар дӯш доштед ва онро аз оғоз то имрӯз ба таври шоиста иҷро намудед.



# ШАРТНОМАИ ТАЪРИХӢ ТАСДИҚ ШУД

(Идома аз саҳ. 2)

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Масъалаи сарҳад барои ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти хоса дорад. Доираи манфиатҳои давлат бо сарҳади давлатӣ алоқаи устувор дошта, аксари чунин манфиатҳо ҳаётан муҳим арзёбӣ мегарданд, чунки асоси амнияти миллии давлатро ташкил медиҳанд.

Муқаррар намудани сарҳадҳои одилона ва мустаҳками давлатӣ, барасмиятдарории дурусти он омили муҳими таъмини амнияти байналмилалӣ ва инкишоф додани муносибатҳои дӯстонаи байнидавлатӣ мебошад.

Муаммои сарҳадии байни Тоҷикистону Қирғизистон таърихи садсола дошта, сабабгори асосии он тоҷикону қирғизҳо нестанд. Ин, пеш аз ҳама, натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна мебошад, ки солҳои 1924 – 1927 амалӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ як ҷузъи раванди васеи тағйироти сохти маъмурӣ-ҳудудии Давлати Шуравӣ буд, ки дар ҷараёни он омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ низ ба назар гирифта шуданд. Ин раванди хеле мураккаб буд, вале як чизро дақиқ метавон гуфт, ки Давлати Шуравӣ мақсади таъсиси давлатҳои соҳибистиқлолро надошт.

Танҳо дар интиҳои асри XX дар натиҷаи дигаргуниҳои амиқ ва бар асари равандҳои пурталотуми ҷаҳонишавӣ харитаи сиёсии ҷаҳон тағйир ёфта, як қатор кишварҳои соҳибистиқлол, яъне давлатҳои мустақили миллӣ, арзи ҳастӣ намуданд, ки Осиёи Марказӣ (ҳамзамон, Тоҷикистони соҳибистиқлол) низ аз ин воқеият дур намонд. Пайдоиши давлатҳои мустақил дар харитаи ҷаҳон муаммоҳои марзию ҳудудиро тезутунд гардонида, зарурати қонунигардонии сарҳади байни давлатҳоро тақозо намуд.

Аз омилҳои назаррасе, ки ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадҳои давлатӣ дар давлатҳои пасошуравӣ замина гузоштанд, се омили асосии онро метавон номбар кард:

Якум, воқеияти дар минтақа ба вуҷуд омадани субъектҳои мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ - давлатҳои соҳибистиқлол мебошад (яъне, аз ҷониби СММ эътироф гардидани истиқлолияти давлатии ин давлатҳо дар назар дошта мешавад).

Омили дуюм ба зуҳури таҳдидҳои фаромарзӣ марбут буд, ки алалхусус, сарҳадоти Осиёи Марказиро осебпазир мегардонад. Ин воқеият бештар бо Афғонистон ва хатарҳои аз он бармеомада алоқаманд буда, омили ноороми вазъи минтақа мебошад. Тезутундшавии вазъ зарурати таҳкими сарҳадҳои давлатиро тақозо мекард, ки бешубҳа бо муайян кардани вазъи ҳуқуқии он алоқаманд буд.

Омили сеюм ба пешгирии баҳсҳои марзиву ҳудудӣ, танзими ҳуқуқии заминҳои ба иҷора додашуда, таъмини алоқаи байни анклавҳо бо ҳудуди давлат ва ғайра вобастагӣ дошт.

Ба имзо расонидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон қадами устувор дар пойдории сарҳади давлатӣ ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи ҳар ду кишвар хоҳад гузошт.

Дар фарҷом қайд кардан зарур аст, ки возеҳу равшан муайян намудани сарҳади давлатӣ дар шартномаи байни давлатҳои ҳамҷавор ва аломатгузорӣ дар маҳал ба татбиқи принсипҳои бунёдии ҳуқуқи байналмилалӣ, ба монанди тамомияти арзии давлатҳо ва дахлнопазирии сарҳади давлатӣ мусоидат хоҳад кард. Бо назардошти гуфтаҳои боло Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамояд, ки барои тасдиқи Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар асоси муқаррароти Паймони асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12 июли соли 1996 ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикӣ аз 26 майи соли 2004, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров дар руҳияи дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ, эҳтироми мутақобила, инчунин, дар асоси принсипҳои байналмилалии эҳтироми мутақобилаи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ба Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон имзо гузоштанд. Ин рӯйдоди муҳими таърихӣ зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон сурат гирифта, дар Изҳороти муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки аз ҷониби сарони ҳар ду кишвар қабул шудааст, сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон минбаъд сарҳади дӯстии абадии ҳар ду кишвар ва ду халқи бародар унвон шудааст.



Ба тасвиб расонидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон дар баробари таҷрибаи сулҳи тоҷикон армуғонӣ аст. Ба қавли собиқ Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофӣ Аннан, «Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон оварданд». Дар мавриди тавофуқоти сарҳад бошад, Дабири кунунии кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш изҳор намуд, ки «Ман аз имзои Шартномаи сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон самимона истиқбол мекунам. Ин қадами муҳим намунаи қудрати дипломатия барои ҳаллу фасли масъалаҳои тӯлонӣ ва таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамсоягии хуб мебошад, ки ба пешбурди сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад».

Мардуми Тоҷикистон тахти роҳбарии Сарвари ғамхору раҳнамои худ бо барқарорсозии сулҳу осоиш ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ роҳ ёфта, дар чаҳорчӯби Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин, шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳаллу фасл намудани ихтилофоти сарҳадиро нишон доданд.

Тақдири баланди миллати куҳандиёри тоҷик дар симои шахсияти беназири таърихӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон олитарин сифатҳои аҷдоди хеш, аз қабили адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофарӣ ва сулҳсозиву сулҳҷӯиро эҳё ва таҳким бахшида, азму иродаи қавии Роҳбари давлати мо имкон дод, ки масъалаи сарҳади давлатӣ, ки дар тӯли 100 сол ҳалли худро наёфта буд, ба тавофуқ расонида шуда, ба имзо расад.

Имзои шартномаи сарҳади давлатӣ яке аз бузургтарин сабақҳои мактаби сиёсатмадорӣ ва давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар кишварҳои Амрикову Аврупо, Россияву Чин, Эрон, Фаронсаву Аморoти Муттаҳидаи Араб, Давлати Кувайт, Ҷумҳурии Туркия, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Шоҳигарии Баҳрайн, Подшоҳии Ҳошимии Урдун ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони ҳамкории исломӣ мавриди ситоиш қарор гирифт.

Мо аз он ифтихор дорем, ки фарҳанги баланди тоҷикон ва иродаи қавӣ, азми сиёсиву давлатдорӣ, иқдомҳои қаҳрамононаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷаҳониён намунаи ибрат аст. Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубиятест, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дилу дидаҳои халқи Тоҷикистон ва садҳо ҳазор нафар ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст.

Файласуфи амрикоии аслаш ҷопонӣ Фрэнсис Фукуяма чанде пеш гуфта буд, ки «Осиёи Марказӣ аз канора ба маркази иқтисоди ҷаҳонӣ табдил меёбад». Ҳанӯз пештар нависандаи маъруфи қирғиз Чингиз Айтматов ба минтақаи Осиёи Марказӣ ишора карда, гуфта буд: «Умумияти таърихӣ, мавҷудияти анъана ва расму оинҳои муштарак ба мо имкони бешумор медиҳанд, то бо ҳам бошем ва якҷоя ҷаҳони нав, ҷомеаи ягонаи мутамаддин бунёд кунем».

Маҳз имрӯз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба дарки зарурати рушди ҳамкорӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии стратегӣ дар пасманзари чолишҳои ҷаҳонӣ хеле наздик шудаанд ва сарони давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар ин росто азми худро барои андешидани тадбирҳои зарурӣ барои таҳкими беш аз пеши робитаҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ байни ҳар ду кишвар тасдиқ карданд.

Дар сархати расонаҳои хабарӣ имрӯзҳо мақолаҳо дар хусуси пешбарии номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ба Ҷоизаи сулҳи Нобел барои эътирофи дастовардҳои онҳо дар миқёси ҷаҳонӣ чоп шуда истодааст, зеро делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон ва имзои созишнома кори хусусии байни ду давлат нест. Ин тасмимест, ки ба тамоми Осиёи Марказӣ ва дар ниҳоят, ба тамоми ҷаҳон дахл дорад. Ман ин ибтикоротро боиси дастгирӣ медонам.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки шарномаи имзошуда имкон хоҳад дод, ки мардуми тоҷику қирғиз ба ҳам дасти дӯстиву бародарӣ дода, ба хотири ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, амнияти халқу миллат бо ҳам муттаҳид гардида, тамоми азму ирода ва ғайрату кӯшишро ба ободии кишвар равона хоҳанд кард.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим дода мешавад. Марҳамат.

**Азим ИБРОҲИМ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард пешниҳод карда мешавад.

Созишномаи мазкур сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгарди «Хоҷаи Аъло-Ворух», «Ориёно-Шӯристон», ободонӣ ва истифодаи чорроҳаро пешбинӣ менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 2 созишномаи мазкур ба роҳҳои автомобилгард, чорроҳаи автомобилӣ ва қитъаҳои замини зери онҳо мақоми нейтралӣ дода мешавад.

Мақоми нейтралӣ – мақоми махсуси роҳҳои автомобилгард, Чорроҳаи автомобилгард ва қитъаҳои замини зери онҳо буда, барои ҳаракати бемамониати шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт, интиқоли мусофирон ва борҳои тарафҳо пешбинӣ шуда, ба ягон ҷониб тааллуқ надоранд, ба соҳибихтиёрӣ тобеъ нестанд ва истифодаи онҳо хилофи таъиноташон манъ аст, истифода бурда мешаванд.

Роҳи автомобилгарди «Хоҷаи Аъло-Ворух» тибқи созишномаи пешниҳодшуда мустақиман аз ҷониби Тоҷикистон лоиҳакашӣ гардида, сохта ба истифодаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳи автомобилгарди «Ориёно-Шӯристон» мустақиман аз ҷониби Қирғизистон барои истифодаи шаҳрвандонаш сохта ба истифода дода мешавад.

Чорроҳаи автомобилгард бошад, бо ҳиссаи ду тараф ободонӣ ва ба таври муштарак бо ҳуқуқи баробар истифода карда мешавад.

Ҷонибҳо ба якдигар имкон медиҳанд, ки долонҳои зери роҳҳои автомобилгард ва чорроҳаи автомобилгардро бо мақсади ҳаракати озод ва бемамониати шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт, интиқоли бор, азнавсозии роҳҳо, гузарондани чорво, васлу насби хатти коммуникатсия, бартараф кардани сел ва тарма истифода баранд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамчун чораи иловагӣ ба роҳҳои автомобилгарди «Хоҷаи Аъло-Оқсой-Ворух» ва «Кулунду-Овчиқалъача-Мақсат» дастрасии якдигарро таъмин намоянд.

Тибқи муқаррароти созишномаи мазкур ҷониби Қирғизистон уҳдадор аст гузаштани бемамониат ва бемаҳдудияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути роҳи автомобилгарди «Хоҷаи Аъло-Оқсой-Ворух» кафолат дода, амнияти онҳоро таъмин намояд. Ҷониби Тоҷикистон бошад, уҳдадор аст гузаштани бемамониат ва бемаҳдудияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистонро тавассути роҳи автомобилгарди «Кулунду-Овчиқалъача-Мақсат» кафолат дода, амнияти онҳоро таъмин намояд.

Меъёри мазкур имкон медиҳад, ки то ба истифода додани роҳҳои автомобилгарди «Хоҷаи Аъло-Ворух» ва «Ориёно-Шӯристон» ва дар сурати дар онҳо ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои рафънопазир ҳаракати озод ва бемамониати шаҳрвандони ҳар ду давлат тавассути роҳҳои автомобилгарди иловагии «Хоҷаи Аъло-Оқсой-Ворух» ва «Кулунду-Овчиқалъача-Мақсат» амалӣ карда шавад.

Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи созишномаи пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард 13 марти соли 2025 дар шаҳри Бишкек ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки созишномаи зикргардида 13 марти соли 2025 дар ҳошияи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон бо мақсади таҳкими дӯстию бародарӣ ва таъмини сулҳу субот дар минтақаҳои наздисарҳадӣ миёни ду кишвари ба ҳам дӯст ба имзо расидааст.

Вобаста ба мазмун ва муҳтавои созишномаи мазкур вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим муфассал маълумот дод.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд. Созишнома расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгардро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсиддинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар равобити ду кишвари бо ҳам дӯсту бародар саҳифаи наверо боз намуданд. Бо таъкид ба ҳуқуқи инсон, нигоҳдории суботи марзӣ ва ташкили ҳалли мусолиҳатомези мушкилоти марзии ду кишвар, оромии мунтазами давлатҳоро нишон медиҳад.

Мактаби сулҳофарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳониён бори дигар нишон дод, ки сулҳ ва амният на танҳо ба манфиати як давлат, балки ба манфиати тамоми башарият мебошад.

Муносибати байни ду кишварро масъалаҳои зиёде халалдор месохтанд, ки барои мардуми наздисарҳадии мо ва ҳамсоякишвар бениҳоят душвор буд ва хушбахтона, якчанд созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расиданд, ки дар таҳкими амнияту субот ва рушди ҳамаҷонибаи миллатҳои ба ҳам дӯсту бародари тоҷику қирғиз заминагузор мебошад. Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард ба имзо расид, ки хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Мардуми тоҷику қирғиз равобити дӯстию хешутаборӣ доштанд ва дар ин вазъи мураккаби ҷаҳонӣ, ки хатарҳои зиёдеро ба бор меорад, масъалаи сарҳад тайи чандин солҳо муаммои зиёде дошт, ки имрӯз ба манфиати халқи ҳар ду кишвари дӯст ҳал шуд, зеро гуфтаанд: Роҳҳо пайвандгари қалбҳост.

Бори дигар шукр аз Роҳбари адолатпешаи давлат мекунем, ки ба дарди мардум даво бахшиданд. Аз ин минбари баланд бо арзи эҳтирому садоқат, муҳаббат ва самимияти беандоза ба Президенти маҳбуби кишвар барои ин хизмати бебаҳояшон ба Тоҷикистони азизамон миннатдории интихобкунандагони ҳавзаи Исфара №20-ро мерасонам.

Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории созишномаи мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард, ободонӣ ва истифодаи Чорроҳаи автомобилгард» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафарбек Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зафарбек ДАВЛАТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр кард, ки дар натиҷаи муайян намудани гузариши хатти сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон як қатор иншооти хоҷагии об ва энергетикии тарафҳо дар ҳудуди якдигар монданд. Бинобар ин, ҷиҳати батанзимдарории ниҳоии дастрасии бемаҳдудият ва бемамониати тарафҳо ба иншоотҳои мазкур ва таъмини истифодаи онҳо тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки масъалаи мазкурро дар доираи санади алоҳидаи дуҷониба ба танзим дароранд. Мувофиқи муқаррароти созишномаи мазкур тарафҳо ҳуқуқи моликиятӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикиро, ки дар ҳудуди худ ҷойгир буда, ба тарафи дигар тааллуқ доранд, эътироф мекунанд ва ба мутахассисону ҳайати кормандон дастрасии бемамониат ва ҳузури бемуҳлатро бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ва бе гузоштани муҳр барои гузаштан аз сарҳади давлатӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳояшон вобаста ба истифодабарӣ, вуруду судури нақлиёт, техника, таҷҳизот ва масолеҳи зарурӣ барои анҷом додани таъмир ва фаъолияти онҳо таъмин менамояд. Объектҳои хоҷагии обу энергетикӣ, воситаҳои нақлиёт, техника, таҷҳизот ва маводи барои объектҳои хоҷагии обу энергетикӣ таъиншуда аз андозҳо, пардохтҳо, боҷ, пардохтҳои суғуртавӣ ё дигар пардохтҳо озод мешаванд.

Тибқи мувофиқаи тарафҳо милликунонӣ, мусодира, экспроприатсия, реквизитсия, инчунин, муқаррар намудан ё истифодаи ҳамаи намуди маҳдудият ва мамониат нисбат ба ҳуқуқи моликиятӣ ва истифодабарии объектҳои хоҷагии обу энергетикаи тарафҳо манъ мебошад.

Тарафҳо тамоми хароҷоти таъмини фаъолияти объектҳои хоҷагии обу энергетикии дар моликияташон қарордоштаро аз ҳисоби худ мепӯшонанд. Дар баробари ин, дар созишномаи мазкур масъалаи ба таври муштарак истифода намудани иншооти обгирии саргаҳи канали Мастчоҳӣ низ ба танзим даровварда шудааст. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи муайян намудани гузариши хатти сарҳади давлатӣ воридшавӣ ба қисмати аввали канали Дам айни замон танҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон имконпазир мебошад. Бинобар ин, дар созишнома муқаррарот дар хусуси дастрасии бемаҳдудият ва бемамонияти ҷониби Тоҷикистон ба канали мазкур ҷиҳати таъмиру тозакунии он низ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи муқаррароти моддаи 5 созишномаи мазкур гирифтани об ва ё барқ аз объектҳои хоҷагии об ва энергетикии соҳибмулк аз ҷониби кишваре, ки дар ҳудудаш ин объектҳо ҷойгиранд, бе мувофиқа бо соҳибмулк манъ мебошад. Дар баробари ин, дар асоси моддаҳои 10 ва 11 созишнома таъсиси Комиссияи муштараки Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба масъалаҳои хоҷагии об пешбинӣ гардида, ваколатҳои он муайян карда шудаанд. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки тақсимоти меъёри обгирӣ аз дарёҳо ва каналҳои байнисарҳадӣ дар доираи фаъолияти комиссияи мазкур амалӣ карда мешавад.

Созишномаи мазкур барои соҳаи хоҷагии об ва энергетикаи Тоҷикистон муҳим буда, дар миқёси мамлакат аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ 13 марти соли 2025 зимни сафари давлатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар шаҳри Бишкек ба имзо расида, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тавре вакилони муҳтарам огоҳ ҳастанд, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Изҳороти муштарак оид ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз имзои созишномаи мазкур истиқбол намуданд. Мавқеи ошкоро ва созанда оид ба масъалаҳои обу энергетика имкон медиҳад, ки манбаъҳои бойи обии ҳар ду кишвар ҳамчун заминаи асосии энергияи аз ҷиҳати экологӣ тозаю барқароршаванда, таъмини оби ошомиданӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ барои манфиати иқтисодиёт ва мардуми ҳар ду кишвар истифода гарданд.

Мақсади асосии созишномаи мазкур таҳкими муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикӣ, эҳтироми манфиатҳои мутақобила, таъкиди моҳиятан муҳим будани истифодаи муштараки захираҳои об, дар асоси принсипҳои соҳибихтиёрӣ, эътирофи манфиати ҳамдигар ва ҳамсоягии нек ба имзо расидааст.

Созишнома расмиёти дахлдорро дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон гузашта ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон тасдиқи онро ҷонибдорӣ кардаанд. Он ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳишмандам, тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммадраҳим ЮСУФӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ 13 марти соли 2025 зимни сафари давлатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар шаҳри Бишкек ба имзо расида, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишнома расмиёти дахлдорро дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон гузашта ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон тасдиқи онро ҷонибдорӣ кардаанд. Он ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳишмандам, тасдиқи созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд пешниҳод шудааст. Маблағи умумии лоиҳа 15,0 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, пурра аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи байналмилалии рушд равона карда мешавад. Ҳадафи лоиҳаи мазкур таҳияи сохтори маблағгузорӣ ва заминаи тиҷоратии лоиҳаи НБО «Роғун», баланд бардоштани устувории экологӣ ва иҷтимоии он, баланд бардоштани шаффофият ва дастгирии татбиқи барномаи манфиатҳои НБО «Роғун» мебошад.

Иқдоми мазкур ҷиҳати равшан намудани масъалаи озод будани лоиҳаи «Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» аз андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ ё аз ҳисоби дигар манбаъҳо маблағгузорӣ намудани чунин хароҷот шароити мусоид фароҳам меоварад.

Лоиҳа аз қисмҳои зерин иборат аст:

Қисми 1. Таҳияи нақшаи маблағгузории аз ҷиҳати макроиқтисодӣ устувор ва чаҳорчӯби тиҷоратии лоиҳаи сохтмони НБО «Роғун»

Қисми 2. Беҳтар кардани бехатарии сарбанд

Қисми 3. Таҳкими чаҳорчӯби экологӣ ва иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои тақсими фоида

Қисми 4. Тақвияти иқтидори институтсионалии ГТЛ НБО «Роғун» ва ҶСК «НБО Роғун».

Бинобар муҳимияти сохтмони НБО «Роғун» ва пешниҳоди маълумоти мазкур аз шумо хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло дода мешавад. Марҳамат.

**Амонулло ХАЙРУЛЛО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд 18 январи соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон тасдиқ намудани созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушдро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Кумаки техникӣ барои маблағгузории лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун») байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - **Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи хотимавии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Даъвати баҳорӣ - 2025

# РИОЯИ ҚОНУН ҲАМ ФАРҲАНГ АСТ

**Қабули қонуни нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда дар сиёсати давлатӣ мавқеи ниҳоят муҳим дорад. Қонунгузорӣ расмиёти махсуси давлатӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ рукни муҳим ва маркази давлатсозист. Қонунҳое, ки эҷод мешаванд ва баъд аз расмиёт қувваи юридикӣ пайдо менамоянд, бояд бисёр мукаммалу арзишманд ва пухтаю суфта бошанду солҳои зиёд барои давлат ва ҷомеа хизмат карда тавонанд. Қонунҳо ҳам умр доранд ва муддати зиёд ба давлату ҷомеа хизмат кардани он аз таҷрибаю масъулиятшиносии мақоми қонунбарор, сатҳу сифати қонун гувоҳӣ медиҳад.**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 10 боб ва 62 модда иборат буда, бо мақсади мутобиқ намудани он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин, пурра ба танзим даровардани муносибатҳои хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ, таҳия гардидааст.

Қонуни нав дар заминаи меъёрҳои қонуни амалкунанда, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳон ва бо дарназардошти хусусияти миллию таърихии миллати тоҷик таҳия гардидааст. Қонун тартиби нави хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ пешбинӣ намудааст. Айни ҳол шаҳрвандони дар ҳайати эҳтиётӣ қарордошта бинобар синну соли ниҳоии дар ҳайати эҳтиётӣ будан кам шуда истодаанд. Ин омил ҳангоми сафарбарӣ ё ҳолати ҷангӣ пуррагардонии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади таъмини амнияти кишвар то андозае ба мушкил мувоҷеҳ менамуд. Бинобар ин, татбиқ намудани чунин намуди хизмати ҳарбӣ ба зиёд гардидани шаҳрвандони ҳайати эҳтиётӣ ва ҷалби бештари ҷавонон мусоидат намуда, саркашии онҳо аз иҷрои вазифаи конститутсионӣ бартараф мегардад. Тартиб ва андозаи маблағи хизмати ҳарбии мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Зимнан, дар қонуни мазкур ҷиҳати басанда будани афсарони ҳайати эҳтиётӣ ва ба танзим даровардани фаъолияти кафедраҳои ҳарбии назди муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти олӣ, ба хатмкунандагони кафедраҳои ҳарбӣ додани рутбаи ҳарбии афсарӣ пас аз адои 12 моҳи хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок пешбинӣ шудааст. Ҳар шахсе, ки бо пардохти маблағ аз хизмат озод бо намудҳои варзиши ҳарбию амалӣ тибқи роҳхати комиссариатҳои ҳарбӣ ройгон аз ҳисоби буҷетҳои дахлдор амалӣ мешаванд. Инчунин, нигоҳ доштани ҷои кор ва омӯзиш бо пардохти музди миёнаи меҳнат ва ҷуброни хароҷот вобаста ба сафар дар давраи иштирок дар ин чорабиниҳо, бо тартиби пешбининамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолат дода мешавад.

Қонун доираи шаҳрвандонеро, ки аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод мебошанд, муайян намудааст. Шаҳрвандоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ғайриқобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд, дар дигар давлат хизмати ҳарбиро ё ба он баробаркардашударо, инчунин, хизмати ҳарбиро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо кардаанд, бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрум шудаанд, ба хизмати ҳарбӣ даъват намешаванд.

Шаҳрвандоне, ки падар (модар), бародарашон (хоҳарашон) ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ вафот кардаанд ё маъюби гурӯҳҳои 1 ва 2 гардидаанд, онҳое, ки дар оила писари ё писархонди ягона мебошанд, инчунин, шахсони дорои унвони номзади илм, доктори фалсафа, доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат мебошанд, ҳуқуқ доранд аз даъват ба хизмати ҳарбӣ озод шаванд. Ҳамчунин, муҳлати даъват ба хизмати ҳарбии шаҳрвандоне, ки муваққатан ғайриқобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд, ба нигоҳубини узви оилаи ба кумак эҳтиёҷдошта машғул мебошанд, дар ҳолати набудани шахсони дигар, ки тибқи қонун уҳдадоранд ба нигоҳубин машғул шаванд, онҳое, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таҳсил менамоянд, ба тарбияи кӯдаки аз модар маҳруммондаашон машғул мебошанд ва шахсоне, ки нисбат ба онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст, то бартараф гардидани шартҳои зикргардида ба таъхир гузошта мешавад.

Даъватшавандае, ки модараш ба ғайр аз ӯ ду фарзанди ноболиғро танҳо тарбия менамояд, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, донишҷӯёне, ки бори аввал дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи дараҷаи бакалавр ё мутахассис таҳсил менамоянд, омӯзгороне, ки дорои маълумоти олии омӯзгорӣ буда, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии деҳот ва онҳое, ки таҳсилоти олии тиббӣ дошта, дар муассисаҳои таҳсилӣ ё тиббии деҳот кор мекунанд, шаҳрвандоне, ки ду ва зиёда фарзанд доранд, барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳуқуқ доранд.



шуд, сарбози захиравӣ ба шумор меравад.

Қонуни мазкур муҳлатҳои зерини хизмати ҳарбиро муқаррар менамояд: хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок дар вазифаи сарбозон ва сержантҳо - 24 моҳ ва барои шахсони дорои таҳсилоти олии касбӣ - 12 моҳ, хизмат дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ дар вазифаи сарбозон ва сержантҳо - 1 моҳ, аз рӯи даъват дар вазифаҳои афсарон - 24 моҳ, бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифаҳои сержант, прапоршик ва барои хизматчиёни ҳарбии ҷинси зан - 3 сол, хизмат бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифаҳои афсарон - 5 сол, хизмат барои афсароне, ки муассисаҳои таълимии ҳарбии таҳсилоти олии касбиро хатм намудаанд - 10 сол ва барои афсарони хатмкардаи чунин муассисаҳои сохтори амнияти миллӣ ва хадамоти махсус на камтар аз - 15 сол.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити ҳозира то 18 моҳ ё 12 моҳ кам кардани муҳлати хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок аз лиҳози нигоҳ доштани сатҳи баланди омодабошии ҷангӣ ва омилҳои иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ намебошад. Дар кишварҳое, ки муҳлати хизмати ҳарбиашон 12 ё 18 моҳ аст, хизмати ҳарбии шартномавӣ ҷорӣ гардида, сатҳи омодабошии ҷангӣ аз ҳисоби ҳамин ҷузъу томҳо, ки зиёда аз 50 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳанд, нигоҳ дошта мешавад. Инчунин, то 18 моҳ кам кардани муҳлати хизмати ҳарбӣ, бо назардошти хусусияти таъминоти ақибгоҳӣ (муҳлатҳои истифодабарии сарулибос ва дигар амволи шайъӣ), хароҷотро то 30 фоиз зиёд менамояд.

Ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, чорабиниҳои бақайдгирии ҳарбӣ ва омӯзиши пешаздаъватӣ, иштирок дар ҷамъомадҳои ҳарбӣ, муоинаи тиббӣ, ташхис ва табобат, тайёрии ҳатмӣ ба хизмати ҳарбӣ, гирифтани ихтисоси бақайдгирии ҳарбӣ ва машғул шудан

Матни Савганди ҳарбӣ, ки қаблан дар Оинномаи хизмати дохилии Қувваҳои Мусаллаҳ дарҷ гардида буд, дар таҳрири нав тасдиқ карда шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҷолибияти хизмати ҳарбӣ пайваста чораҳо меандешад. Аз ҷумла, ба шахсоне, ки баъди хизмати ҳарбӣ хоҳиши таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ доранд, зимни супоридани тест дар Маркази миллии тестӣ холҳои иловагӣ дода мешаванд. Инчунин, марказҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки онҳоро бо ҷои кор ва кумакпулӣ таъмин намоянд.

Бино ба талаботи қонун минбаъд дар мақомоти судӣ, прокуратура, гумрук, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва хадамоти иҷро шахсоне ба кор қабул мешаванд, ки хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнокро адо намудаанд. Зарурати ҷорӣ намудани чунин меъёр ба ғайр аз асосҳои дар боло овардашуда боз дар он аст, ки тибқи нақшаҳои мудофиаи давлат ва сафарбарӣ, мақомоти зикршуда дар давраи таҳдиди хатари ҷанг ё ҳолати ҷанг доир ба ташкил ва таъмини мудофиаи давлат ва гузаронидани чорабиниҳои сафарбарӣ вазифаҳои мушаххас дошта, бояд кормандони онҳо дорои дониши умумии ҳарбӣ ва маҳорату малакаи ҷангӣ бошанд.

Ҷомеаро идора намудани қонунҳо имрӯз ба аксиома табдил ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» маҳз барои бартараф намудани як зумра мушкилот равона шудааст.

**Зубайдулло ДАВЛАТОВ,**
**ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

# ТАНЗИМ

## ба хотири таъмини зиндагии шоиста аст



**Соли 2007 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи ҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои динӣ таъкид намуда буданд, ки «То расму оин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, бо қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем».**

Воқеан, қисме аз мардуми мо бо сабаби зоҳирпарастии пучу беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот будани худ ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи олам ба назар намерасад. Яъне, рафтори бисёр оилаҳо – хоҳ доро бошанд, хоҳ нодор, мақоли «бо сӯзан ҷамъ кардану бо шоха ба бод додан»-ро мемонад.

Дар робита ба ин, яке аз санадҳои муҳиме, ки ба ҳаёти иҷтимоию фарҳангии мардуми Точикистон дигаргунӣ ва таҳаввулот бахшид, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад. Агар гӯем, ки қонуни мазкур нахустин қонуни миллӣ аст ва шабеҳи он дар дигар кишварҳои олам дида намешавад, иштибоҳ нахоҳем кард, зеро он бо назардошти пешниҳоду муроҷиатҳои сершумори шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки тайи солҳои тӯлонӣ ба анъанаҳою маъракаҳои нолозим ва гирифториҳои зиёде пойбанд буданд ва аз ин мушкилиҳо раҳоӣ меҷустанд, ба тасвиб расид.

Ба имзо расидани чунин қонуни миллӣ, албатта, кори саҳлу осон набуд. Гурӯҳҳои корӣ иборат аз намояндагони тамоми кишрҳои ҷомеа - олимони ҷомеашинос, ҳуқуқшинос, уламои дин ва дигар коршиносон ба омӯзиши ин масъала пардохтанд ва хулосаҳои худро ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд. Билохира, 8 июни соли 2007, пас аз муҳокимаи васеъ, бо иштироки аҳли ҷамоатчигии кишвар, назарсанҷию таҳлил ва омӯзишҳои амиқ санад ба тасвиб расид.

Аксари коршиносон дар мақолаю нигоштаҳояшон нақши муассири қонунро дар пешгирии исрофкорӣ, беҳтаршавии дараҷаи некуаҳволии мардум, ҳар чӣ бештар ба низоми зиндагии шаҳрвандон ворид шудани он баён намудаанд. Таҳлилҳо собит месозанд, ки амалисозии чунин қонун аз ҳар ҷиҳат ба мардуми мо манфиат оварда, барои тадриҷан аз байн бурдани маъракаю маросимҳои хурофотию зуҳуроти манфии иҷтимоӣ мусоидат намуда истодааст. Бояд таъкид намуд, ки ягон модда ва талаботи меъёрҳои қонуни мазкур ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки онҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар намудаанд ва фармудаҳои шариати исломӣ мухолифат надорад.

Амали қонуни мазкур ҳамчун қонуни миллӣ аз лаҳзаи қабул то имрӯз дар доираи арзишҳои миллӣ, динӣ ва башарӣ ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандон мусоидат намуда, дар таъмини шароити арзандаи зиндагии аҳолӣ, баланд бардоштани маданияти маъракадории шаҳрвандон ва иҷрои барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбат гузошт.

Нақши қонун дар шароити ҷаҳонишавӣ ва буҳронҳои молиявии олами сармоядорӣ дар ҳимояи манфиати мардуми кишвар ва риояи қатъии қонунҳои соҳавӣ назаррас аст.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид гардид, ки «Мову шумо ба хотири боз ҳам беҳтар гардонидани шароити рӯзгори мардумамон бояд дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ сарфаю сариштакор бошем, зиёдаравӣ нанамоем».

Дастуру роҳнамоиҳои Сарвари давлат бояд намунаи пайравӣ, марому дастури ҳар як фарди соҳибхирад ва ватандӯсти кишвар бошад.

Моро зарур аст, ки дар амалисозии қонуни миллӣ, ки барои баланд гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми кишварамон нигаронида шудааст, саҳмгузор бошем ва ояндаи дурахшони худро дар заминаи арзишҳои пурғановати миллӣ фароҳам орем.

**Гулноза МАРДОНЗОДА,**
**корманди Суди Олии иқтисодӣ**

**Корманди собиқадори рӯзномаи мо устод Ӯрун Калонов (Ворис) дар Рӯзи матбуоти тоҷик бо Ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мушарраф шуд. Таҷлили 113-солагии Рӯзи матбуоти тоҷик ва маросими ботантанаи ҷоизасупорӣ, ки дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гашт, журналистон, устодону донишҷӯён ва собиқадорони соҳаро ба ҳам овард. Дар маҳфил, ҳамчунин, Абдулло Раҳмонзода, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ Матлубахон Сатториён, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода иштирок ва суханронӣ карданд.**

# СОБИҚАДОРОНИ МАТБУОТ ҚАДРДОНӢ ШУДАНД



Зимни суханронӣ аз нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» ёдовар шуда таъкид намуданд, ки нашри он ба бунёди рӯзноманигории тоҷик асос гузошт. Имрӯз рушди журналистикаи касбӣ тавассути тадбирҳои амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мешавад. Донишгоҳҳо ва марказҳои омӯзишӣ, аз ҷумла факултети журналистикаи ДМТ, барои омода кардани кадрҳои соҳа фаъолияти пурсамар доранд. Бо мақсади рушди соҳа дар пойтахти кишвар Академияи ВАО таъсис ёфт. Дар Тоҷикистон, ҳамчунин, пайваста форумҳо ва семинарҳои байналмилалӣ барои такмили ихтисоси рӯзноманигорон баргузор мешаванд.

Абдулло Раҳмонзода зимни суханронӣ дар замони муосир қудрати расонаҳоро дар ташаккули афкори умум ва сиёсати ҷаҳонӣ бузург арзёбӣ кард. «Имрӯз давлатҳо ВАО-ро ҳамчун силоҳи геополитикӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ҳар давлат ҳодиса ва воқеаҳои ҷаҳониро бо назардошти манфиатҳои худ инъикос менамояд. Ба ин хотир, барои муҳофизати худ аз таъсири манфии ҳамлаҳои иттилоотӣ мо бояд саводи расонаии худро баланд бардорем ва бо тафаккури таҳлилӣ ҳар хабарро баррасӣ кунем», - афзуд ӯ.

Матлубахон Сатториён иброз дошт, ки дар замони соҳибистиқлолӣ матбуоти даврӣ ба пешрафтҳои зиёд ноил гардид. Ин муддат шумораи расонаҳои мустақил ва ҷамъиятӣ афзуд, қонунҳои нав қабул гардиданд, ки барои рушди ВАО заминаи мусоид фароҳам меоранд. Воридшавӣ ба фазои рақамӣ ба рушди журналистикаи онлайнӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба суръати иттилоърасонӣ мусоидат намуд.

Дар чорабинӣ як идда фаъолони воситаҳои ахбори омма бо нишонҳои «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» ва сипосномаю ифтихорномаҳои Вазорати фарҳанг қадр шуданд. Ба чанде аз собиқадорони соҳа мукофотпулӣ тақдим гардид.

Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ дар бахши матбуотро, ҳамчунин, Латофат Кенҷаева - собиқадори матбуот, директори ТҶБ «Истиқбол», Шодӣ Малахов - корманди нашрияи «Омӯзгор», Сироҷиддин Иззатуллоев - сармуҳаррири «Время & денги», Музаффари Имом - муовини сармуҳаррири нашрияи «Шаҳриёр»-и шаҳри Ваҳдат сазовор шуданд. Ҷоизаи мазкур дар бахши телевизион ба Гулбарг Ризоева - корманди «Телевизиони Тоҷикистон», Шералӣ Саидов - корманди телевизиони «Хатлон», дар бахши радио ба Зарангез Гирдакова - корманди радиои «Овози тоҷик» ва дар бахши пажӯҳиши илмӣ бошад, ба Абдуҳалим Раҳимов - доктори илмҳои филологӣ, омӯзгори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия насиб шуд.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# «Ҷумҳурият»: САД СОЛИ БЕДОРИИ ФИКРИИ МИЛЛАТ»



**Дар таърихи матбуоти даврии тоҷик «Бухорои шариф» ба сифати аввалин нашрияи тоҷикӣ, «Шуълаи инқилоб» нахустин нашрияи ҳизбӣ ба забони тоҷикӣ дар Туркистон, «Овози тоҷик» якумин рӯзнома барои тоҷикони муқими Ӯзбекистон ва «Ҷумҳурият» аввалин нашрияи расмии ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон маҳсуб меёбанд. Ба тариқи расмӣ поягузори матбуоти шуравии Тоҷикистон нашрияи «Ҷумҳурият» мебошад.**

Ин нукта зимни баргузории ҳамоиши ҷумҳуриявии «Ҷумҳурият»: сад соли бедории фикрии миллат», ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон доир шуд, зикр гашт.

Пажӯҳишгарони таърихи матбуоти тоҷик, устодони риштаи рӯзноманигорӣ, унвонҷӯёну адибон зимни баррасии мавзуъ «Ҷумҳурият»-ро тарғибгари худшиносӣ ва бедории миллӣ, мактаби тарбияи журналистони ҷавон арзёбӣ намуданд.

Директори китобхона Ҷумахон Файзализода ҳастии рӯзномаро ба сарнавишти мардум, тафаккури ҷомеа, фарҳангу маънавиёти сокинони кишвар тавъам арзёбӣ кард. Таъкид гардид, ки «Ҷумҳурият» аз ибтидои нашр рисолати маорифпарварӣ ва рушди тафаккури миллӣ дошт ва онро дар ҳама давру замон шоиста иҷро намудааст.

Профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мурод Муродӣ иброз дошт, ки рӯзнома тӯли 100 соли нашри худ ба тарғибу ташвиқи сиёсати давлату Ҳукумати кишвар, инъикоси муҳимтарин ҳаводиси рӯз, таҳлилу баррасии масъалаҳои мубрами давру замон, тасвири чеҳраҳои кору пайкор ва амсоли ин таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин васила, дар иттилоотонии ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи донишу маърифатнокии мардум, бедории ҳисси миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ, масъулияти шаҳрвандӣ нақши бориз гузоштаву мегузорад. «Тавассути муҳтавои ин нашрия мардум сари вақт аз фармону амрҳои Сарвари давлат, қарорҳои Ҳукумат ва моҳияти қонунҳои қабулкардаи парлумони кишвар огаҳӣ пайдо кардаанду мекунанд. Ҳамчунин, ин нашрия минбари муҳим ва имконпазири ироаи мароми мақсади Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар, дарки моҳият ва татбиқи он маҳсуб меёбад», - афзуд ӯ.

Муҳаққиқи соҳа Қироншоҳ Шарифзода «Солномаи рӯзгори Тоҷикистон» («Иди тоҷик» - «Ҷумҳурият»)-ро дар шакли электронӣ рӯнамоӣ кард. Иттилоъ дод, ки нашрия тӯли фаъолияти худ бо номҳои «Иди тоҷик» (1925), «Бедории тоҷик» (1925-1928), «Тоҷикистони сурх» (1929-1954), «Тоҷикистони советӣ» (1955-1990), «Тоҷикистони шуравӣ» (1991) интишор гардида, аз 19-уми сентябри соли 1991 бо номи «Ҷумҳурият» чоп мешавад. Аз 14-уми марти соли 2000 бо Фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҷумҳурият» нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Наргис Усмонова, мудири кафедраи матбуоти факултети журналистикаи ДМТ, изҳор намуд, ки «Ҷумҳурият» имрӯз на танҳо дар шакли чопӣ, балки дар шакли электронӣ - сомонаи расмии худ фаъол буда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ хонандагони зиёд дорад. Фаъол гардидани ютубканали рӯзнома аз ҳамқадами замон ва ҷомеа гардидани он дарак медиҳад.

Коршиносон нақши рӯзномаро дар инъикоси раванди сулҳоварӣ, расидан ба ваҳдати миллӣ ва гиромидошти ин санаи муҳими таърихӣ муҳим шумурданд. Таъкид шуд, ки имрӯз низ мундариҷаи нашрия гуногуну фарох буда, масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва умуман, аксари ҷанбаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва берун аз онро фаро мегирад.

**Ф. ФАРЗОНА, «Садои мардум»**

### КУМИТА ОИД БА ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

**аз 27 феврали соли 2025, №66, ш. Душанбе**

**Дар бораи Тартиби хориҷ ва барқароркунии донишҷӯён, гузариш аз як муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз як шакли таълим ба шакли дигари таълим 170.040.050.**

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва банди 51 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, №654 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби хориҷ ва барқароркунии донишҷӯён, гузариш аз як муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз як шакли таълим ба шакли дигари таълим тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

